## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия**

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

-мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва авторефератӣ Султонмамади Гулмамад актуалӣ буда, дар он бори аввал динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявӣ ва хусусиятҳои физико-химиявии баъзе пайвастагиҳои фитохимиявии растании авлоди сич (*Eremurus*) вобаста ба давраҳои инкишоф бо истифода аз усули хроматографияи моеи самаранокиаш баланд, спектроскопияи ИС-Фуре ва электрофорези қатрагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд;

-мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 03.01.04 - Биохимияро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мувофиқи банди 1.** Таркиби химиявӣ, сохт ва хосиятҳои моддаҳои табиати зинда; таҳқиқоти хосиятҳо, ҷудокунӣ ва тарзҳои истифодаи пайвастагиҳои ба синфҳо ва гуруҳҳои гуногун мансуб буда- зербоби 2.7.

**Мувофиқи банди 3**. Афзоиш ва морфогенези растаниҳо - зербоби 3.1.
**Мувофиқи банди 4.** Равандҳои биохимиявӣ дар растаниҳо- боби 4.

**Мувофиқи банди 7.** Нақши биологии биосинтез ва табдилёбии карбогидратҳо ва полисахаридҳо, таҳқиқоти таъсири омилҳои эндо ва экзогенӣ ба мубодилаи карбогидратҳо- зербоби 3.4. 4.4.

Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад;

- оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб, кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти васеъи биологӣ ва биохимиявӣ як қатор масъалаҳои асосии илмӣ дар биохимия ва физиологияи растаниҳо, ки хосияти доругӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он ба даст овардашуда, имкон дод, ки дар бораи самаранокии истифодаи методи нави химиявӣ-биохимиявии растаниҳои эфемероидӣ, ки хосияти доругӣ доранд ба роҳ монда шавад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанни биология химия, биохимия ва физиологияи растаниҳо, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявӣ ва хусусиятҳои биохимиявии растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

- дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия, 7 фишурдаи илмӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва 4 фишурдаи илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ нашр карда шудаанд.

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии бадастомада бо усулҳои замонавии физикӣ-химиявӣ ва биологии таҳқиқот, коркарди статикии натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шуд. Эътимоднокии натиҷаҳоро бо истифода аз методҳои стандарта, танзими амиқи таҷҳизоти ченгирӣ, такроршавии натиҷаҳо дар доираи васеи шароити беруна, мутобиқатии натиҷаҳои таҷрибавии таҷрибаҳои назоратӣ бо иттилооти дигар муалифон

тасдиқ менамоянд. Эътимоднокии натиҷаи бадастовардашуда бо истифода аз методҳои муосири химиявӣ-биохимиявӣ: хроматографияи моеи самаранокиаш баланд, спектроскопияи ИС-Фуре ва электроферези қатрагӣ таъмин ва асоснок карда шудааст.

- комиссияи эксперта пешниҳод мекунад, ки диссертатсия ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;

- комиссияи экспертӣ ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар,** пешниҳод менамояд;

**Мирзораҳимзода Акобир Карим-**доктори илмҳои биологӣ, профессор, ноиби президент-раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Меҳрнигори Булбулназар** – доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060717-Биохимия, кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоқикистон;

Ба сифати **муассисаи пешбар-**Институти биохимияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шаров Рашидов, Ҷумҳурии Узбекистон.

- комиссияи эксперта барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва ДМТ иҷозат медиҳад;

нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия, хулоса пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 03.01.04 - Биохимия мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Мирзораҳимзода Акобир Карим**-доктори илмҳои биологӣ, профессор, ноиби президент-раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Меҳрнигори Булбулназар** – доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060717-Биохимия, кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоқикистон;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар**- Институти биохимияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шаров Рашидов, Ҷумҳурии Узбекистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Точикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор Эргашев А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ Давлатназарова З.Б.

номзади илмҳои биологӣ, дотсент Сайфудинов А.Қ.

«30» 12 соли 2025